**СУРАТМАҶЛИСИ №42**

**Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**13 январи соли 2024** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктoрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзоёни Шуро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзоёни Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Дар бораи гузаронидани экспертиза ва таъини комиссияи экспертӣ оид ба рисолаи номзадии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш., баромад намуда пешниҳод намуданд, ки диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи

конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ барои гузаронидани экспертиза қабул карда шуда, комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Ализода З., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Алимов С.Ю. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Мирзамонзода Х.М. ташкил карда шавад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсонӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ барои экспертиза қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии Шурои дисертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

-доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Ализода З.;

-доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Алимов С.Ю.;

-доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Мирзамонзода Х.М.

**Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**